**Ёддошти тафоҳум**
**байни**
**Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон»**
**ва Китобхонаи миллии Озарбойҷон**

Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва Китобхонаи миллии Озарбойҷон, ки минбаъд Тарафҳо номида мешаванд, бо дарки зарурати ташаккул ва рушди ҳамкориҳои дуҷониба, аҳамияти таҳкими муносибатҳои дӯстона миёни Тарафҳоро эътироф намуда, бо ин бовар, ки ҳамкориҳои фарҳангӣ баҳри инкишофу тақвияти муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои мутақобилан судманди Тарафҳо мусоидат менамояд, ба мувофиқаи зайл расиданд:

**Моддаи 1**

Тарафҳо ҳамкорӣ ва табодули дуҷонибаро миёни мақомоти ваколатдори Тарафҳо дар соҳаи китобдорӣ мутобиқ ба қонунгузориҳои миллӣ ва давлатии Тарафҳо ба роҳ мемонанд.

**Моддаи 2**

Тарафҳо дар асоси шартномаҳои дуҷониба оид ба ҳаёти фарҳангии кишварҳо, аз ҷумла оид ба чорабиниҳои байналмилалие, ки дар давлатҳои Тарафҳо гузаронида мешавад, мубодилаи афкор намуда, иштироки намояндагони хешро дар чунин чорабиниҳои фарҳангӣ таъмин менамоянд.

**Моддаи 3**

Тарафҳо ҷиҳати табодули нашрияҳову мутахассисони касбӣ дар соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи якдигар ҳамкории қавӣ ба роҳ мемонанд.

**Моддаи 4**

Тарафҳо дар бахшҳои ҳифзу нигаҳдорӣ, таҳқиқ ва таъмиру тармими китобҳои таҷассумгари мероси фарҳангӣ ва инчунин ҷиҳати табодули нашрияҳову мутахассисони касбӣ дар соҳаҳои марбута ҳамкориҳоро тақвият мебахшанд.

**Моддаи 5**

Тарафҳо ҳамкориро дар бахши маводи чопӣ ва электронӣ мувофиқи қонунгузории давлатҳои Тарафҳо ривоҷ медиҳанд.

**Моддаи 6**

Тарафҳо ҳамкориро дар бахшҳои гуногуни мубодилаи китоб, нашриёти даврӣ, нашриёт оид ба фарҳанг ва ҳунар ривоҷ дода, ҳамчунин ширкати намояндагони худро дар намоишҳои байналмилалии китоб, ки дар давлатҳои Тарафҳо баргузор мегардад, таъмин менамоянд.

**Моддаи 7**

Тарафҳо ҳамкориро дар бахшҳои гуногуни омодасозии мутахассисони соҳаи китобдорӣ ва табодули таҷрибаҳо дар соҳаи китобдорӣ ривоҷ медиҳанд.

**Моддаи 8**

Хароҷоти байналмилалии роҳро давлати ирсолкунанда ба уҳда гирифта, хароҷоти буду бошро ҷониби қабулкунанда таъмин менамояд.

**Моддаи 9**

Бо ризоияти Тарафҳо ба ин Ёддошт тағйиру иловаҳо ворид кардан мумкин аст, ки дар шакли протоколҳои алоҳида таҳия шуда, ҷузъи ҷудонашавандаи Ёддошт ҳисобида мешаванд.

Тағйир додани муқаррароти ин Ёддошт ва ё қатъ гардидани амали он ба иҷрои лоиҳаҳои шартномавие, ки дар давраи амали Ёддошт ба имзо расидаанд, то ба комилан анҷом ёфтани онҳо таъсир намегузорад.

**Моддаи 10**

Ёддошти тафоҳуми мазкур шартномаи байналмилалӣ набуда, муқаррароти он барои Тарафҳо ҳуқуқу уҳдадориҳои тавассути ҳуқуқи байналмилалӣ танзимшаванда эҷод намекунад.

**Моддаи 11**

Ёддошти тафоҳуми мазкур дар шаҳри Душанбе дар таърихи «28» ноябри соли 2017 дар ду нусхаи асл, ҳар кадом бо забонҳои тоҷикӣ, озарӣ ва русӣ ба имзо расида, ҳамаи матнҳо эътибори яксон доранд. Дар сурати ба миён омадани ихтилофи назар матни русӣ дар ҳалли ҳама гуна масъалаҳои марбут ба ин Ёддошти бартарӣ хоҳад дошт. Ёддошти мазкур аз рӯзи ба имзо расиданаш қувваи амал пайдо карда, ба муҳлати номуайян баста мешавад; то замоне ки яке аз тарафҳо ба тарафи дигар дар бораи тасмими худ роҷеъ ба қатъ кардани амали Ёддошт огоҳиномаи хаттӣ ирсол нанамояд. Дар он ҳолат ин Ёддошт амали худро пас аз шаш моҳи қабули огоҳиномаи хаттии яке аз Тарафҳо аз тарафи дигар қатъ менамояд.

Дар сурати ба миён омадани баҳсҳо дар мавриди тафсир ва ё татбиқи муқаррароти Ёддошти мазкур, Тарафҳо ин баҳсҳоро бо роҳи гуфтушунид ва машваратҳо ҳал мекунанд.

| | |
|---|---|
| **Директори** | **Директори** |
| **Китобхонаи миллии Тоҷикистон** | **Китобхонаи миллии Озарбойҷон** |
| **проф: Абдусалом Миралиизода** | **проф: Карим Тоҳиров** |